Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 марти соли 2023, №44
тасдиқ шудааст

Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» (минбаъд – Бонк) шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис ёфтааст.

2. Бонк фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

3. Муассиси Бонк Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – муассис) мебошад.

## 2. НОМИ ФИРМАВӢ ВА МАҲАЛЛИ ҶОЙГИРШАВИИ БОНК

4. Номи расмии Бонк:

- номи пурра бо забони давлатӣ: Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»»;
- номи мухтасар бо забони давлатӣ: КВД БА ҶТ «Амонатбонк»;
- номи пурра бо забони русӣ: Государственное унитарное предприятие «Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбанк»»;
- номи мухтасар бо забони русӣ: ГУП СБ РТ «Амонатбанк»;
- номи пурра бо забони англисӣ: State unitary enterprise «Savings bank of the Republic of Tajikistan «Amonatbonk»»;
- номи мухтасар бо забони англисӣ: SUE SB RT «Amonatbonk».

5. Бонк дорои муҳр мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, номи пурраи Бонк бо забони давлатӣ ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ бо яке аз забонҳои хориҷӣ сабт шудааст.

6. Суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии Бонк - Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 105.

7. Бонк аз дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои алоҳида, аз ҷумла филиалҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру

нохияхо, намояндагихо, марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва воҳидҳои сайёр иборат мебошад.

## 3. МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

8. Бонк бо мақсади ҳалли вазифаҳои аҳамияти иҷтимоию иқтисодидошта, ки аз талаботи бевоситаи ҷомеа ва давлат бармеояд, инчунин ҷиҳати таъмини рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ таъсис дода шудааст.

9. Бонк фаъолияти худро бо мақсади гирифтани фоида бо роҳи анҷом додани амалиётҳои бонкӣ ба роҳ мемонад.

10. Бонк ҳуқуқ дорад бо иҷозати муассис ва бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ муассиси ташкилоти қарзии дигар бошад, ба ҷамъиятҳо, иттифоқҳо, иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳои ватанӣ ва хориҷӣ дохил шавад.

## 4. АМАЛИЁТҲОИ БОНКӢ

11. Бонк фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ намуда, метавонад амалиётҳои зерини бонкиро анҷом диҳад:

*1) ҷалби амонат ва пасандозҳо;*

2) додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

- қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;
- факторинг;
- форфейтинг;

3) кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

4) харид у фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

- воситаҳои бозори пулӣ, аз ҷумла чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ;
- асъори хориҷӣ;
- саҳмияҳо ва коғазҳои қиматноки интиқолшавандаи дигар;
- қарордодҳои форвардӣ, созишномаҳои своп, фючерс, опсион ва ҳосилаҳои дигае, ки бо асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ алоқаманданд;

5) додани кафолатҳо, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

6) ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқоли почтавӣ;

7) миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

8) амалиётҳои сейфӣ, нигоҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

9) хизматрасонии амалиётии ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок ба манфиати боварикунанда ва аз номи ӯ);

10) амалиётҳои хазинавӣ, аз ҷумла қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

11) қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;

12) ҳама гуна амалиётҳои дигаре, ки аз амалиётҳои дар банди мазкур зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

12. Бонк илова ба амалиётҳои бонкии дар банди 10 Оинномаи мазкур қайдгардида ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро анҷом диҳад:

- додани кафолат, ки иҷрои ухдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;
- иҷораи молиявӣ (лизинг);
- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё машваратчии молиявӣ;
- хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ БОНК

13. Бонк ҳуқуқ дорад фаъолияти сармоягузории худро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шаклҳои зерин анҷом диҳад:

- маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба рушди инфрасохтор ва амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди қарз ё иштирок дар сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, новобаста аз шакли моликият;
- иштирок дар иҷрои стратегияҳои давлатӣ, барномаҳои давлатӣ ва барномаҳои сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла дастгирии давлатии содироти мол (маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ)-и субъектҳои соҳибкории ватанӣ;
- иштирок дар амалисозии лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ.

## 6. МУНОСИБАТҲОИ БОНК БО МУАССИС

14. Муассис, ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида, аз рӯйи ухдадориҳои Бонк ва Бонк аз рӯйи ухдадориҳои муассис масъулият надорад.

15. Муносибатҳои Бонк ва муассис тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

16. Муассис бо мақсади ҳалли вазифаҳои аҳаммияти иҷтимоию иқтисодидошта, ки аз талаботи бевоситаи ҷомеа ва давлат бармеоянд, ба Бонк барои иҷрои вазифаҳои зерин супориш медиҳанд:

1) сармоягузории лоиҳаҳои аҳаммияти давлатӣ ва стратегидошта;

2) хизматрасонии бонкии сармоягузории мустақими давлатии лоиҳаҳо ва сармоягузории давлатӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ;

3) хизматрасонии бонкии суратҳисобҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ;

4) хизматрасонии бонкии қарзи буҷетӣ;

5) хизматрасонии бонкии қарзи давлатӣ;

6) хизматрасонии бонкии суратҳисобҳои мақомоти давлатӣ;

7) хизматрасонии бонкии коғазҳои қиматноки давлатӣ;

8) хизматрасонии бонкии пардохти нафақа ва пардохтҳои дигари иҷтимоӣ;

9) хизматрасонии бонкии пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ.

## 7. ИДОРАКУНИИ БОНК

17. Бонк аз ҷониби мақомоти зерин идора карда мешавад:

- мақоми олӣ – муассис;
- мақоми идоракунӣ - шӯрои нозирони Бонк;
- мақоми иҷроия - раёсат ва раиси Бонк.

18. Муассис дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- тасдиқи оинномаи Бонк ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он;
- азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Бонк тибқи талаботи қонунгузорӣ;
- таъсиси шӯрои нозирон ва тасдиқи низомномаи он, тасдиқ ва қатъи ваколатҳои аъзои шӯрои нозирон;
- бо тартиби муқарраргардида зиёд ва ё кам намудани сармояи оинномавии Бонк;
- тасдиқи меъёрҳои тақсими фоидаеро, ки дар ихтиёри Бонк боқӣ мондааст;
- мутобиқи қонунгузорӣ ҳалли масъалаи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти шахсони дигари ҳуқуқӣ;
- додани иҷозат барои содир кардани аҳдҳо нисбати молу мулке, ки розигии моликро талаб мекунад;
- масъалаҳои дигареро, ки тибқи қонунгузорӣ ваколати муассис мебошанд, иҷро мекунад.

19. Шӯрои нозирон дорои салоҳияти зерин мебошад:

- самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонкро муайян менамояд;
- буҷети солона, хароҷоти амалиётию ғайриамалиётӣ ва нақшаи фаъолияти молиявию хоҷагидории Бонкро дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия тасдиқ менамояд;
- ҳисоботи солонаи Бонкро аз рӯйи ҳамаи самтҳои фаъолият, аз ҷумла даромад ва хароҷот баррасӣ менамояд;

- ҳисоботи солонаро бо ҳисоботи муҳосибии Бонк ва ҳисоботи солонаи муҳосибавии Бонк тасдиқ мекунад;

- дар мувофиқа бо муассис тақсимоти фоидае, ки баъд аз интиқоли пардохти ғайриандозӣ ба буҷет дар ихтиёри Бонк боқӣ мондааст тасдиқ менамояд;

- кумитаи аудит ва кумитаҳои дигари назди шӯрои нозиронро таъсис медиҳад ва низомномаи онҳоро тасдиқ мекунад;

- ҳисоботи кумитаи аудити Бонкро баррасӣ менамояд;

- тартиби мукофотонии кормандони Бонкро тасдиқ менамояд;

- салоҳиятҳои дигареро, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд, иҷро мекунад.

20. Салоҳияти дигари шӯрои нозирони Бонк, ҳуқуқу ухдадориҳои аъзои шӯрои нозирон, ҳамкорӣ бо мақомоти дигари идоракунии Бонк, инчунин тартиби пеш аз мухлат қатъ намудани ваколатҳои аъзои шӯрои нозирон бо қонунгузорӣ ва низомномаи он муайян карда мешавад.

21. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории Бонк аз ҷониби мақоми иҷроия – раёсат ва раиси Бонк амалӣ мегардад.

22. Вазифаҳои раиси раёсати Бонкро раиси Бонк иҷро менамояд.

23. Раёсати Бонк барои иҷрои қарорҳои шӯрои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи Бонк масъул мебошад.

24. Раёсати Бонк аз ҷониби шӯрои нозирон таъсис дода шуда, ҳайати он аз 7 нафар иборат мебошад.

25. Аъзои раёсати Бонк аз раиси Бонк, муовини якум, муовинони ӯ ва се корманди дигари бонк иборат мебошад.

26. Раис ва узви раёсати Бонк наметавонанд аъзои шӯрои нозирон интихоб гарданд.

27. Раёсати Бонк дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- амалисозии самтҳои асосии фаъолияти Бонк;

- таъмини риояи меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва талаботи идоракунии хавфҳои Бонк;

- таъмини сатҳи зарурии низоми идоракунии Бонк, ки масъулият, ваколат ва муносибатҳои байниҳамдигарии сохторҳои дохилӣ, шахсони мансабдор ва кормандони дигари Бонкро муқаррар менамояд;

- ташкили низоми назорати дохилии Бонк, мониторинги мутобиқат ва самаранокии он.

28. Раиси Бонк ваколатҳои зеринро ба зимма дорад:

- аз номи Бонк бе ваколатнома баромад карда, онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ намояндагӣ мекунад, шартномаҳо мебандад;

- кормандони Бонкро дар асоси қонунгузорӣ ба кор қабул ва аз кор озод мекунад;

- дар ҷаласаҳои раёсати Бонк раисӣ мекунад;

- ба қарорҳо ва протоколҳои маҷлисҳои Раёсати Бонк имзо мегузорад;

- вазифаҳоро дар байни муовини якуми ва муовинон тақсим мекунад;

- фармоишу амрҳо медиҳад, ки иҷрояшон барои кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад;

- барои фаъолияти Бонк пурра масъул мебошад;

- ҳуҷҷатҳои пулию ҳисоботӣ, хазинавӣ ва муросилотиро имзо мегузорад;

- масъалаҳои дигари фаъолияти Бонкро, ки ба салоҳияти раёсат, шӯрои нозирон ва муассис тааллуқ надоранд, баррасӣ мекунад.

## 8. ТАРТИБИ ИНТИХОБ ВА БА МАНСАБ ТАЪИН КАРДАНИ КОРМАНДОНИ РОҲБАРИКУНАНДАИ БОНК

29. Раис, муовини якум, муовинони раис ва аъзои раёсати Бонк, сармуҳосиби Бонк, роҳбар ва сармуҳосиби филиалҳои Бонк кормандони роҳбарикунанда ба ҳисоб мераванд.

30. Раис, муовини якум, муовинони ӯ аз ҷониби муассис ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

31. Сармуҳосиби Бонк ва муовини онро раиси раёсати Бонк бо ҷонибдории шӯрои нозирон таъин ва озод менамояд.

32. Роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонк аз ҷониби раиси раёсати Бонк бо риояи талаботи қонунгузорӣ таъин ва озод карда мешаванд.

33. Кормандони роҳбарикунандаи Бонк ҳангоми ба мансаб интихоб ё таъин шудан ва минбаъд ҳар сол бояд бо таври хаттӣ ба шӯрои нозирони Бонк оид ба ҳар гуна манфиатҳои шахсии молиявии бевосита ё бавоситаи худ, аъзои оила ва шахсони дигаре, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ доранд, маълумот диҳанд.

34. Ишғол намудани мансаби холӣ дар Бонк, ба истиснои мансабҳои раис, муовини якум ва муовинони раис, бо роҳи озмун сурат мегирад. Ҳолатҳои дигари бе озмун ишғол намудани мансабҳои холии Бонк тибқи Қоидаҳои гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии Бонк, ки аз ҷониби шӯрои нозирон тасдиқ гардидааст, муайян карда мешаванд.

## 9. БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ БОНК

35. Бонк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти дорои манфиати умум эътироф гардида, ӯҳдадор аст, ки пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба роҳ монад.

36. Бонк сиёсати ҳисобдории худро тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон мустақилона муайян менамояд.

37. Натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти молиявии Бонк дар маҷмуи шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавӣ ва солона таҳия гардида, ба муассис, Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

38. Соли молиявии хисоботии Бонк аз 1 январ оғоз гардида, 31 декабр ба анҷом мерасад.

39. Бонк ҳисоботи молиявии солонаи худ, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаро, ки аз аудит гузаштааст, дар муҳлати на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани хулосаи аудиторӣ дар маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявии Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ҷойгир намуда, дар на камтар аз ду рӯзномаи ҷумҳуриявӣ нашр менамояд.

40. Бонк ухдадор мебошад, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомили коғазӣ ва ё электронӣ то мухлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дорад.

41. Барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ сармуҳосиби Бонк масъул мебошад.

42. Маълумоти ҳуҷҷатҳои аввалия ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, кормандони Бонк танҳо бо иҷозати хаттии раиси Бонк ба онҳо дастрасӣ пайдо мекунанд.

43. Фаъолияти Бонк аз ҳисоби даромади худӣ ва аз рӯйи нақшаи молиявии тасдиқкардаи шӯрои нозирон маблағгузорӣ карда мешавад.

44. Дар мавриди мақсаднок истифода набурдани фоидаи софе, ки дар ихтиёри Бонк боқӣ мондааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ он муайян ва ба буҷети ҷумҳуриявӣ интиқол дода мешавад.

45. Бонк метавонад, ки аз қарзҳои ташкилоти қарзӣ истифода барад.

## 10. МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ БОНК

46. Шартҳо ва андозаи фонди музди меҳнат, шаклҳои пардохти музди меҳнат, басти вазифавӣ, андозаи маоши вазифавӣ, низоми мукофотонӣ ва ҳавасмандгардониҳои дигари кормандони Бонк, ба истиснои андозаи маоши вазифавии раис, муовини якум ва муовинони раис, сармуҳосиб ва сараудитори Бонк, низоми мукофотонӣ ва ё ҳавасмандгардониҳои дигари онҳо, аз ҷониби раиси Бонк тибқи тартибе, ки шӯрои нозирон тасдиқ кардааст ва Оинномаи мазкур муқаррар карда мешаванд.

47. Андозаи маоши вазифавии раис, муовини якум ва муовинони раис, сармуҳосиб ва сараудитори Бонк, низоми мукофотонӣ ва ё ҳавасмандгардониҳои дигари онҳо аз ҷониби шӯрои нозирони Бонк муайян карда мешавад.

## 11. ДОРОИҲОИ БОНК

48. Молу мулки Бонк аз ҳисоби молу мулки аз ҷониби муассиси Бонк ба Бонк супоридашуда ва фоидаи дар натиҷаи фаъолияти тиҷоратӣ бадастоварда, хайрия, грантҳо ва даромадҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад.

49. Молу мулки Бонк – иморат, бино, иншоот, таҷҳизот, дастгоҳҳо, маблағҳо, воситаҳои дигаре, ки ба фонди оинномавӣ дохил мешаванд, моликияти муассис маҳсуб ёфта, ба Бонк тахти ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ вобаста мегардад.

50. Бонк молу мулки манқул ва ғайриманқулеро, ки дар натиҷаи амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ ва аз ҳисоби истифодабарии маблағҳои худӣ ба даст овардааст, мустақилона соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамояд. Барои расидан ба мақсадҳои худ Бонк метавонад молу мулки манқул ва ғайриманқулеро, ки дар натиҷаи фаъолияти тиҷоратиаш ба даст овардааст, бо фармоиши Раиси Раёсати Бонк ва розигии Раёсати Бонк аз ҳисоб барорад ё бо роҳҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бегона намояд. Бонк метавонад молу мулкеро, ки бар ивази қарз қабул намудааст, бо фармоиши Раиси Раёсати Бонк ва розигии Раёсати Бонк то ба фурӯш рафтан ба иҷора диҳад.

51. Бонк молу мулки ба гарав гузоштаро, дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарзӣ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Раёсати Бонк ба фурӯш бароварда, маблағҳои пулиро барқарор менамояд.

52. Бонк масъалаи аз тавозун баровардани молу мулки фарсудашударо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал менамояд.

53. Дороиҳои Бонк аз фондҳои асосӣ ва воситаҳои муомилотӣ, инчунин дороиҳои дигаре, ки арзиши онҳо дар тавозуни Бонк таҷассум ёфтаанд, иборат мебошанд. Молу мулки Бонк тақсимнашаванда мебошад.

54. Фонди захиравӣ ва фондҳои дигаре, ки аз фоидаи Бонк ташаккул меёбанд, молу мулки давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

55. Дар Бонк фондҳои зерин ташаккул меёбанд:

- фонди оинномавӣ ва фондҳои захиравӣ;
- фондҳои дигар.

56. Тартиби ташаккул, номгӯйи фондҳо ва истифодаи онҳо аз ҷониби шӯрои нозирони Бонк бо риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

57. Фонди оинномавии Бонк бо қарори муассис ташкил дода мешавад.

58. Фонди оинномавии Бонк ба маблағи 100000000 (сад миллион) сомонӣ ташаккул дода шудааст.

59. Фонди оинномавии Бонк бо карори муассис аз чониби Макомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ зиёд карда мешавад.

60. Ҳисоби сармояи танзимшаванда ва қисмҳои таркибии он тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

61. Манбаъҳои қарзии Бонк аз ҳисоби маблағҳои зерин ташкил меёбанд:

- воситаҳои худӣ (аз ҳисоби тарҳи арзиши фондҳои асосӣ, маблағгузории муассис);
- захираҳои марказонидашудаи Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия;
- маблағҳои муштариён, инчунин маблағҳои буҷети давлатӣ, ки дар ҳисобномаҳои Бонк мавҷуданд;
- амонатҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони дигари ҳуқуқию воқеӣ;
- пасандозҳои шаҳрвандон, ки ба мӯҳлатҳои муайян ва то дархост ҷалб карда шудаанд;
- қарзҳои ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ;
- маблағҳо аз рӯйи ҳисоббаробаркунии низоми дохилибонкӣ;
- маблағҳои дигари ҷалбшуда.

## 12. НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

62. Назорати фаъолияти Бонк тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли мониторинг, аудит, санҷиш, дархости маълумоти дахлдор аз Бонк ва таҳлили он, таҳлили маълумоти оморӣ, молиявӣ ва хоҷагидорӣ оид ба фаъолияти Бонк анҷом дода мешавад.

63. Санҷиши фаъолияти хоҷагидории Бонк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

64. Аудити фаъолияти молиявии Бонк ҳар сол як маротиба тибқи талаботи қонунгузорӣ аз тарафи ташкилоти аудиторӣ анҷом дода мешавад.

65. Хулосаи аудиторӣ ба таври хатмӣ аз ҷониби Бонк ҳамасола дар васоити ахбори омма нашр карда мешавад.

66. Кумитаи аудити Бонк бо қарори шӯрои нозирон таъсис дода мешавад.

67. Раис ва аъзои кумитаи аудити Бонк ба мӯҳлати 4 сол аз ҷониби шӯрои нозирон интихоб карда мешаванд.

68. Ҳайати кумитаи аудити Бонк аз 3 (се) нафар иборат мебошад. Раиси шӯрои нозирон, раиси Бонк ё аъзои раёсати Бонк аъзои кумитаи аудити Бонк буда наметавонанд

69. Кумитаи аудит дар назди шӯрои нозирон амал карда, дорои ваколату ӯҳдадориҳои зерин мебошад:

- баррасии сиёсати Бонк дар самти аудити дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

- назорати таъмини пурра, дақиқ ва саҳеҳи ҳисобдорӣ, ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуии Бонк;

- баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;

- додани тавсияҳо дар бораи таъини аудитори берунии Бонк мутобиқи қонунгузорӣ, подошпулӣ ва қатъи шартнома бо он;

- баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба шӯрои нозирон хабар додани ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;

- додани тавсия ба шӯрои нозирон оид ба сохтори аудити дохилӣ, номзадии сараудитори дохилӣ ва подошпулии ӯ;

- талаб кардани ҳисобот аз сараудитори дохилии Бонк;

- баррасии ҳисоботи аудити дохилӣ ва назорати аз тарафи мақоми иҷроияи Бонк сари вақт бартараф гардидани камбудиҳои низоми назорати дохилӣ, инчунин камбудиҳои дигаре, ки аз ҷониби аудиторон ва воҳидҳои назораткунанда ошкор шудаанд;

- назорати мутобиқати фаъолияти Бонк ба қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди маълумот ба шӯрои нозирон;

- баррасии ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;

- пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби шӯрои нозирон дар назди кумитаи аудит гузошта шудаанд;

- ҳар семоҳа пешниҳод намудани ҳисобот ба шӯрои нозирон оид ба фаъолияти кумитаи аудит, инчунин пешниҳоди тавсияҳо оид ба масъалаҳое, ки аз ҷониби шӯрои нозирон дар назди кумитаи аудит дар доираи ваколати он гузошта шудааст;

- баррасии амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар заминаи нақшаҳое, ки кумитаи аудит мутобиқи дархости шӯрои нозирон ва ё дархости муассис қабул кардааст;

- ҳар сол на камтар аз як маротиба ба муассис пешниҳод намудани ҳисобот оид ба фаъолияти худ.

70. Қарорҳои кумитаи аудит бо аксарияти овози аъзои иштирокдошта қабул мешаванд. Ҳангоми баробар будани миқдори овозҳо, овози раиси кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

71. Дар Бонк сохтори аудити дохилӣ амал менамояд, ки ба он сараудитори дохилӣ роҳбарӣ менамояд. Сараудитори Бонк бояд ба талаботи қонунгузорӣ, ки нисбати кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ муқаррар шудааст, ҷавобгӯ бошад.

## 13. ФИЛИАЛҲО, НАМОЯНДАГИҲО ВА МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНК

72. Бонк ҳуқуқ дорад, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии бонкӣ ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори шӯрои нозирон филиалҳо ва намояндагиҳои худро ташкил намояд. Бонк ва филиалҳои он метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ тибқи тартиби муқарраршуда марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва воҳиди сайёр таъсис диҳанд.

73. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории Бонк аз ҷониби Бонк бо молу мулки зарурӣ таъмин мегарданд, ки молу мулки Бонк маҳсуб ёфта, дар тавозуни Бонк инъикос меёбанд.

74. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории Бонк дар асоси низомномаҳо фаъолият мекунанд.

75. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории Бонк фаъолияти худро аз номи Бонк анҷом медиҳанд.

76. Марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва воҳидҳои сайёри Бонк амалиётҳои алоҳидаи бонкиро, ки номгӯйи онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, анҷом медиҳанд.

## 14. ҲУҚУҚҲОИ МУШТАРИЁНИ БОНК ВА ҲИМОЯИ ОНҲО

77. Асоси ҳуқуқии муносибатҳои тарафайни Бонк бо муштариёни он шартномаҳо ба ҳисоб рафта, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулияти Тарафҳоро ба танзим медароранд.

78. Муассис баргардонидани маблағҳои пасандозҳои шахсони воқеиро ҳангоми ғайри қобили пардохт гардидани Бонк кафолат медиҳад ва онро бо талаби аввалини шахсони воқеӣ бармегардонад.

79. Ҳуқуқи амонатгузорони Бонк ва ҳимояи онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 15. БАРҲАМДИҲӢ ВА АЗНАВТАШКИЛДИҲИИ БОНК

80. Азнавташкилдиҳии Бонк бо қарори муассис дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ё табдилдиҳӣ сурат мегирад.

81. Барҳамдиҳии Бонк тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 16. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

82. Аз ҷониби кормандони Бонк ифшо намудани сирри бонкӣ, иттилооти махфӣ, инсайдерӣ ва иттилооти дигари хизматӣ, ки ба онҳо ҳангоми иҷрои вазифаю уҳдадориҳои дахлдор маълум гаштааст, ба шахсони ба чунин иттилоот дастрасӣ надошта манъ аст.

83. Аз ҷониби Бонк ва воҳидҳои сохтории он машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ, баҳодиҳӣ, савдо ва суғурта манъ аст. Бонк ва воҳидҳои сохтории он, инчунин кормандони Бонк наметавонанд ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тавассути шартнома хизматрасонии баҳодиҳиро амалӣ намоянд.

84. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи мазкур бо қарори муассис сурат мегирад.